# МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ ЯК РУБОИИ УМАР ИБРОҲИМИ ХАЙЁМ

**Малик Кабиров**
Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ, доцент

## АННОТАЦИЯ

Дар мақола яке аз рубоиҳои ба масъалаи динӣ бахшидаи алломаи қарни XI-шоир, файласуф, риёзидону ҳайатшинос ва олими мутафаннини форсу тоҷик Умари Хайёми Нишопурӣ мавриди тафсир қарор гирифтааст.

**Калимаҳои такягоҳӣ:** услуби баён, сабк, образ, забон, афкори фалсафӣ.

## МУҚАДДИМА

Ғиёсиддин Абулфатҳ ибни Иброҳими Хайёми Нишопурӣ (1040-1123) аз зумраи бузургони аллома буда, дар самои олами илму адаб аз ҷумлаи ситорагони дурахшонест, ки бо нурҳои илмпарвару тобишҳои нигорандагиашон ба дилҳои мардум нисбат ба олами воқеӣ, ҳаёт, меҳру муҳаббат, ба дидагонашон нури илму маърифат, ба сираташон порсоӣ, парҳезгорӣ ва ба ҷаҳонбиниашон дурандешию басират бахшида, роҳи ташаккули ақли кул ва афкори рангини онҳоро равшан менамояд.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Умар Иброҳими Хайём яке аз шӯҳратмандони маърифати ҷаҳонӣ, шоир, файласуф, риёзидону ҳайатшиноси номии форсу тоҷик буда, дар қарни XI ба тамаддуни маърифати оламиён бо рисолаҳои илмӣ ва рубоиёти дилнавозу дилангезаш ҳиссаи арзанда гузоштааст. Ҳарчанд Умари Хайём ҳамчун олими мутафаннин маъруф гашта, доир ба соҳаҳои гуногуни илм (физика, риёзӣ, фалсафа, ҷуғрофия, астрономия, таърих, мусиқашиносӣ) рисолаҳои илмӣ таълиф намудааст, вале ӯ маҳз бо рубоиҳои дилпазиру дилнишинаш шӯҳраи офоқ гардидааст.

Дар рубоиёти Умари Хайём масъалаву муаммоҳои муҳими ҳаёти воқеӣ мавриди тасвир қарор гирифтаанд: хусусияти тағйирёбӣ ва табдилпазирӣ доштани олами ҳастӣ (дунёи моддӣ), дар ҳолати инкишофи бардавом будани ҷаҳони бостонӣ, хуш гузаронидани умр, ғанимат донистани лаҳзаҳои гуворои ҳаёт, васфи ишқу муҳаббат, зебоии маънавии инсон, манзараҳои хушгувори табиат, нигориши ғаму андӯҳ, душвориву мушкулиҳои рӯзгор, тазоди неку бад, тақдири азалии инсон, ифодаи орзую умед, бақои абад, аҳди аласт ва амсоли инҳо.

Тасвири мавзӯъҳои мутазаккир дар рубоиҳои Умари Хайём дар бештарини ҳолатҳо ба тарзи холис воқеъ нагашта, балки бо воситаи санъатҳои бадеӣ ва хулосаҳои илмӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва афкори фалсафиаш омезиш меёбад.

Услуби баён ва сабки нигориши Умари Хайём салису сабук, силсилаи образҳояш соддаву ҳаётӣ буда, забонаш равону фасеҳ аст. Шоир аз истифодаи ифодаҳои тумтароқ ва лафзбозиҳои пуртакаллуф худдорӣ намудааст.

Бузургии Умар Иброҳими Хайём ҳачун шоир дар он аст,ки ӯ “сабза”, “кӯза” (“сабу”), “гул”, “хок”, “кишт”, “май” (“шароб”, “бода”) барин мафҳумҳои оддии ба ҳамагон маълумро ба образҳои камоли шомили бадеӣ табдил дода, афкори бикри фалсафиашро дар пироҳани камоли бадеъ ороста, рубоиҳои аз ҷиҳати ифодаи маънӣ воломақомро нигорида тавонистааст.

Чи тарзе ки дар боло ишора рафт, дар рубоиёти шоир омезиши мавзӯъҳои мавриди тасвир бо масъалаҳои илми ҳикмат ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар ин гуна рубоиҳо нигориши соддаву равони шоир ба назар ҳамчун баёни оддии чизҳо, ҳодисаву воқеаҳои муқаррарӣ менамояд, вале ҳангоми ба мантиқи афкору аъмоли нигоранда зеҳн мондан маълум мегардад,ки мақсаду мароми ӯ на ба таври холис, балки ба тарзи ҳайратангез дар асоси ақидаҳои фалсафиаш ба дасти тасвири бадеъ дода шудааст.

Дар чанде аз рубоиҳои Умари Хайём баъзе масъалаҳои динӣ низ бо услуби нигориши фавқуззикр эҷод гаштаанд. Барои мисол, рубоии зеринро меоварем ва дар хусуси он баъзе мулоҳизаамонро изҳор менамоем:

Ё Раб, ту гилам сириштаӣ, ман чӣ кунам?
Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?
Ҳар неку баде,ки аз ман ояд ба вуҷуд,
Ту бар сари ман набиштаӣ, ман чӣ кунам?

Тафсири баъзеҳо дар хусуси ин рубоӣ гӯшрасам шуд,ки гӯё бо маънии рубоии мазкур Умари Хайём ба худованди ҷону хирад истеҳзо кардааст ва аз ин сабаб вай аз худоношиносӣ-даҳригии шоир дарак медодааст,ки ин маънӣ дуруст нест. Онҳое,ки дар бораи Умари Хайём ин гуна ақида доранд, ба мазмуни рубоиёти ӯ аз нуқтаи назари шахси садаи XXI ҳукм кардаанд, ҳол он ки шоир дар қарни XI зистааст, яъне дар замоне,ки раис-мансабдори динӣ,ки ба иҷрои аҳкоми дин, ба рафтору ахлоқи мусулмонон... назорат мекунад, умр ба сар бурдааст. Аз ин рӯ, истеҳзо кардан ба Офаридгор ва ё даҳрӣ будани Умари Хайём, ба фикри мо, асоси воқеӣ надорад: Умар Иброҳими Хайём ҳамчун зодаи қарни XI, бешак, ҳамаи рукнҳои дини мубини исломро мепазируфт, аз ҷумла, ӯ соли 1095 барои иҷрои яке аз аркони ибодат ба ҳаҷ рафта, тавофи гирди хонаи Каъба карда буд, ба

масъалаи мавҷуд будани Офаридгор, сиришт, қазову қадар, рӯзи азал ва амсоли инҳо мӯътақид аст (дар ин хусус дар мақолаҳои пеш аз ин навиштаамон арз карда будем).

Мувофиқи ин гуфтаҳо ба рубоии мазкур муроҷиат шавад, ғалат будани фикри тафсиркунандагони фавқуззикр маълум мегардад:

Пеш аз ҳама, гуфтан зарур аст,ки се мисраи ин рубоӣ (мисраъҳои 1,2,4) аз ҷумлаҳои мураккаби саволӣ иборатанд. Маълум аст, ки ҷумлаҳои саволӣ се навъанд: хосса, риторикӣ ва водоркунӣ. Аз ин навъҳои ҷумлаи саволӣ танҳо ҷумлаи саволии хосса ҷавоб талаб мекунад (-Ту аз ман хафа нестӣ?-Не), вале ҷумлаҳои саволии риторикӣ ва водоркунӣ ҷавоб талаб намекунанд. Ба назари мо, Умар Иброҳими Хайём дар рубоии мазбур аз ҷумлаи саволии риторикӣ истифода бурдааст. Саволи ҷумлаҳои саволии риторикӣ рамзӣ, пӯшида буда, ҷавоб талаб намекунад. Дар ин гуна ҷумлаҳо тасдиқу инкори фикр ва ҳукм дар шакли савол ифода мешавад: Деҳ куҷову дарахтон куҷо? То кай мо ҷафо мекашем?...

Инак, мисраи аввали рубоии мазкур аз ҷумлаи саволии “Ё Раб, ту гилам сириштаӣ, ман чӣ кунам?” иборат аст. Дар ин ҷумлаи саволӣ мухотаби таркибии “Ё Раб” истифода шудааст, бинобар ин ба назар чунин менамояд,ки гӯё шоир ба Парвардигор (Ё Раб) муроҷиат карда ҷавоби саволро талаб карда бошад. Ба фикри мо, дар ин мисраъ мухотаб (Ё Раб) вазифаи таъкидро ба ӯҳда дорад. Мисраи аввали ин рубоӣ - “Ё Раб, ту гилам сариштаӣ, ман чӣ кунам?” ҷумлаи мураккаб буда, таркибан аз ду содда (1. Ё Раб, ту гилам сариштаӣ, 2. Ман чӣ кунам?)”иборат аст. Дар ҷумлаи соддаи якум (Ё Раб, ту гилам сариштаӣ) аз “гили одам” (хоке,ки одам аз он сохта шудааст) саришта шудани “гили тира”, яъне ҷисми одам тавассути мухотаби таркибии “Ё Раб” таъкид гаштааст. Ҷумлаи соддаи дуюм ҷумлаи саволӣ (Ман чӣ кунам?) мебошад. Шоир бо ин ҷумлаи саволӣ аз Офаридгор (Ё Раб) ҷавоб талаб накардааст, балки ба тариқи зайл таъкид намудааст: “Эй Худо, сурату сирати маро худат сириштаӣ, ман чизеро тағйир дода наметавонам (ман чӣ кунам?), Офаридгор туӣ. Аз ин рӯ, аз он сурату сирате,ки худат ба ман ато кардаӣ, миннатпазирам. Мусаллам аст,ки фикру андешаҳои пурраи шоир дар байт ифода маёбад, на дар мисраъ. Агар бо ин мақсад ба мисраи дуюми байти аввали рубоӣ (Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?) муроҷиат шавад, маълум мегардад,ки ин мисраъ маънии дар мисраи якум додашударо тақвият медиҳад, яъне маънои ин мисраъ ба маънои мисраи аввал мусоидат менамояд: Дар ин мисраъ таркиби “пашму қасаб” ба маънои “тору пуд” (наххҳои ба дарозӣ ва ба паҳноӣ гузошта шуда,ки аз он матоъ бофта

мешавад, асоси матоъ, асли матоъ) омадааст. Маълум аст,ки бофандагон аз тору пуд (аз наххо мересанд), яъне ба вучуд меоваранд. Ин мисраъ низ аз ҷумлаи мураккаб (Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?) иборат аст. Ҷумлаи соддаи аввал (Пашму қасабам ту риштаӣ) мебошад. Дар ин ҷумлаи содда ишора бар он меравад,ки бофандагон аз тору пуд матоъро мебофанд. Умари Хайём,ки донандаи илми тиб низ мебошад ва дар ин илм худро шогирди Абуалӣ ибни Сино медонист. Ин буд,ки ӯ бофтаҳо, рагу пайи пайкари одамиро шабеҳи тору пуд дониста таъкид намудааст,ки: "Эй Офаридгор, тору пуди (бофтаҳои увзҳои бадани) инсонро худат риштаӣ, яъне одамро худат офаридаӣ. Ин ҷумла ҷумлаи соддаи хабарӣ (ҳикоягӣ) аст, аммо ҷумлаи соддаи дуюм (ман чӣ кунам?) ҷумлаи саволии риторикӣ буда, ба ҳамон маънии дар мисраи аввал ифодагашта (ман чизеро тағйир дода наметавонам, Офаранда туӣ...) оварда шудааст.

Аз фикру андешаҳои дар мисраъҳои байти аввали рубоии мазкур ифодакардаи Умари Хайём бармеояд,ки ӯ ба масъалаи аз "гили одам" (аз хок...) сохта шудани "гили тира" (ҷисми одам) мӯътакид аст ва аз сурату сирати ба инсон атокардаи Оллоҳ миннатпазир аст.

Дар байти дуюми рубоӣ масъалаи дигар-сарнавишт, тақдир, қазову қадар, аҳди аласт мавриди тасвир қарор гирифтааст. Мисраи аввали ин байт (Ҳар неку баде,ки аз ман ояд ба вуҷуд) ба он маънист,ки шахси доро ба ятимону муфлисон эҳсон намуда (ёрии моддӣ расонида)-некӣ, яъне кори савоб мекунад, вале онҳое,ки дасти расо дошта бошанд ҳам, ба эҳтиёҷмандон ёрии моддӣ намерасонанд, кори бад мекунанд,ки ин гуноҳ аст.

Бояд гуфт,ки дар ин мисраъ (Ҳар неку баде, ки аз ман ояд ба вуҷуд) қаҳрамони ғиноӣ (ман) ба маънии исми ҷамъ-одамон истифода гаштааст. Пас, маънии мисраи якуми байти дуюм - "аз рафтору кирдори одамон корҳои ҳам нек ва ҳам бад зоҳир мегарданд", мебошад. Маънии ин мисраъ нотамом буда, давоми он дар мисраи сонӣ (Ту бар сари ман набиштаӣ, ман чӣ кунам?) оварда шудааст. Аз ин мисраъ бармеояд,ки: Ҳар некию бадиҳое,ки аз рафтору кирдори инсон падид меоянд, дар асоси сарнавишт, тақдир ва аҳди аласт воқеъ мегардад, яъне бо ҳукми илоҳӣ муқаррар карда шудааст. Аз ин рӯ, радиф-ҷумлаи соддаи дуюми ин байт (ман чӣ кунам?) ба ҳамон маънои дар мисраъҳои мазбур ифодакардааш (аз дасти мо чизе намеояд, яъне мо чизеро тағйир дода наметавонем, Офаридгор туӣ...)истифода шудааст.

## ХУЛОСА

Ҳамин тавр, дар ин рубоӣ фикру ақидаҳои динии Умари Хайём дар хусуси масъалаҳои мавҷуд будани

Офаридгор, сиришт - аз “гили одам” сохта шудани ҷисми одамизод, қазову қадар, тақдир, рӯзи азал падид меояд ва ба сарнавишту аҳди аласт мӯътақид будани шоир зоҳир мегардад.

## REFERENCES

1. Абдуллоев А., Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва асри XII. – Душанбе, 2001.

2. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. – Душанбе, 1993.

3. Умари Хайём. Рубоиёт. Мураттиб Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: “Дониш”, 1983.

4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (2), – Душанбе, 1999.

5. Кабиров, M. . (2022). АФКОРИ ФАЛСАФӢ ДАР РУБОИҲОИ УМАРИ ХАЙЁМ. Academic Research in Educational Sciences, 3(4), 741–744. https://doi.org/10.24412/2181-1385-2022-4-741-744